«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Сардори Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ., дотсент, генерал-майори милитсия

__________ Насуриён П. А.
«20» 02. 2026

## ТАҚРИЗИ

муассисаи тақриздиҳанда ба диссертатсияи Аминзода Абдурраззоқ Худойшукур дар мавзуи «Ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.**

Диссертатсияи Аминзода Абдурраззоқ Худойшукур таҳқиқоти илмии анҷомёфтае мебошад, ки аз ҷониби муаллиф ҳамаҷониба таҳқиқ гардида, ба яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқшиносӣ - «Ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик» бахшида шуда, мазмун ва муҳтавои он ба шиносномаи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, мутобиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Ҳуқуқи оилавӣ ҳамчун як соҳаи муҳимми ҳуқуқи инсон ва ҷомеа дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик мавқеи устувор дорад. Ташаккули ҳуқуқи оилавӣ маҳз бо тамаддуни бостонии халқи тоҷик ва муносибатҳои анъанавию иҷтимоии он вобаста мебошад. Аз давраҳои қадим то замони муосир, муносибатҳои оилавӣ дар асоси одатҳо, суннатҳо ва қонунгузориҳои дохилӣ ба танзим дароварда мешуданд, ки ин раванд нишонаҳои равшани ташаккули ҳуқуқи оилавиро нишон медиҳад.

Ҳуқуқи оилавӣ на танҳо барои танзими муносибатҳои шахсӣ ва иҷтимоии аъзои оила муҳим аст, балки ҳамчун воситаи ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои аъзои оила, хусусан кӯдакон ва занон, нақши барҷаста дорад. Таҳлили таърихӣ нишон медиҳад, ки рушд ва тағйирёбии ҳуқуқи

оилавӣ бо омилҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ ҳамқадам буд ва дар натиҷа системаи ҳуқуқи оилавӣ шакли мукаммал ва муосирро гирифтааст.

Дар мавриди таҳлили таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик, метавон таъкид намуд, ки меъёрҳои анъанавӣ ва қонуни шариатӣ ҳамчун пояи ҳуқуқи оилавӣ хизмат мекарданд ва дар замони шуравӣ бо қонунгузориҳои нави оилавӣ мутобиқ гардонида шуданд. Аз ин лиҳоз, омӯзиши ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавӣ на танҳо дарки таърих ва анъанаҳои ҷомеаи тоҷикро осон мекунад, балки имконият медиҳад, ки масъалаҳои ҳуқуқи оилавии имрӯза бо назари таърихӣ ва системавӣ баррасӣ карда шаванд.

Ҳамин тавр, мавзуи «Ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик» аҳамияти илмӣ ва амалӣ дошта, ба омӯзиши рушди ҳуқуқ ва таҳкими заминаҳои ҳуқуқи инсон дар ҷомеаи тоҷик мусоидат менамояд.

**Дараҷаи асоснокии гузориши илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудааст.** Дараҷаи асоснокии гузориш дар диссертатсия мантиқӣ ва систематикӣ буда, ҳар як боб ва зербоб бо мавзуъ пайваст ва бо далелҳои таҳқиқотӣ дастгирӣ мешавад. Гузориш илмӣ ва асоснок буда, барои ҳар як иддао далелҳо ва намунаҳои таърихӣ пешниҳод мекунад. Ин далелҳо аз қонунҳо ва санадҳои таърихӣ, таҳқиқоти пешина ва адабиёти илмӣ гирифта шудаанд. Гузориш на танҳо маълумот пешниҳод мекунад, балки таҳлили равандҳои ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавиро дар ҷомеаи тоҷик нишон медиҳад. Дар мавриди мавзуи «Ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик» асоснокии гузориш бо намунаҳои таърихӣ, меъёрҳои анъанавӣ ва қонуни шариатӣ, таҳлили қонунгузории шуравӣ ва муқоисаи замони муосир тасдиқ мешавад.

Хулоса натиҷаҳои таҳлилро ҷамъбаст мекунад ва равандҳои ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавиро дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик нишон медиҳад. Таҳлили таърихӣ нишон медиҳад, ки ҳуқуқи оилавӣ аз давраҳои қадим бо меъёрҳои анъанавӣ ва қонуни шариатӣ ташаккул ёфта, бо тағйироти иҷтимоӣ ва қонунгузории шуравӣ ба низоми муосири ҳуқуқи оилавӣ табдил ёфт. Рушд ва ташаккули ҳуқуқи оилавӣ нишон медиҳад, ки он на танҳо танзими муносибатҳои оилавиро таъмин мекунад, балки барои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдакон ва занон нақши муассир дорад. Омӯзиши ҳуқуқи оилавӣ аҳамияти таърихӣ дорад ва барои таҳкими заминаҳои ҳуқуқи инсон дар ҷомеаи имрӯза муҳим мебошад.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳияти натиҷаҳои гирифташуда.** Бояд тазаккур дод, ки муаллифи диссертатсия дар ҳалли масъалаҳои илмие, ки вобаста ба инкишофи илми ҳуқуқшиносӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, оид ба ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои аъзоёни оила, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии оилавӣ ва таълиму тарбияи дурусти фарзандон, инчунин шинохти фарҳанги ҳуқуқи оилавии ниёгон ва таъмини устувории никоҳ ва солимии оила саҳми назарраси худро гузоштааст. Ҳамзамон мушкилотҳои илмиеро баррасӣ намудааст, ки онҳо метавонанд дар рушди илми ҳуқуқшиносӣ ва мукаммалгардии қонунгузории мамлакат, махсусан, дар самти муносибатҳои оилавӣ нақши босазои худро гузоранд, аз ҷумла:

- нахустин маротиба дар илми ҳуқуқшиносии кишвар масъалаҳои ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавии халқи тоҷик аз аҳди қадим то имрӯз мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, муаллиф тавонистааст дар он шаклҳои ибтидоии пайдоиши никоҳ, талоқ, ҳуқуқу уҳдадориҳои ҳамсарон нисбат ба ҳамдигар, намудҳои никоҳ ва талоқ, тартиб ва мақсади фарзандхондӣ, ҳуқуқи моликиятии ҳамсарон, синни никоҳӣ дар ҳуқуқи зардуштӣ, мафҳуми никоҳ ва шакли он, вазъи ҳуқуқии маҳрамҳо, шароити талоқдиҳанда ва оқибатҳои ҳуқуқии талоқи он дар низоми ҳуқуқи мусулмонӣ, никоҳ ва шартҳои он, фарзандхондӣ ва тартиби он, уҳдадориҳои алиментдиҳӣ дар қонунгузории Тоҷикистони шуравӣ, ҳуқуқу уҳдадориҳои амволии ҳамсарон, тартиби бастан ва бекор кардани аҳдномаи никоҳ дар қонунгузории Тоҷикистони соҳибистиқлолро аз назари илмӣ таҳқиқ ва асоснок намояд;
- дар таҳқиқоти манзургардида мафҳум ва шаклҳои никоҳ ва талоқ дар ҳуқуқи зардуштӣ муайян гардида, навъҳои никоҳи «подшоҳзан», «иканзан», «чокарзан», «сатурзан» ва «худсарзан» дар ҳуқуқи зардуштӣ таҳлил гардида вазъи ҳуқуқии зан, шавҳар ва фарзандон дар ҳар як навъи никоҳ ошкор карда шудааст. Инчунин навъҳои талоқ, оқибати ҳуқуқии талоқ ва шахсони дорои ҳуқуқи талоқ мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор гирифтаанд;
- барои ҳамаҷониба таҳқиқ намудани ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик, муаллиф аз назари таърихӣ-ҳуқуқӣ никоҳҳои навъи эндогамӣ ва экзогамӣ, бисёрникоҳӣ ва якканикоҳӣ, синну соли никоҳӣ, шартҳои никоҳ, ҷаҳизия (моли арӯс), талоқи маст, бемор, маҷбур, сарчашмаҳои ҳуқуқи оилавӣ, фарзандхондӣ ва ҳуқуқу уҳдадориҳои ҳамсаронро нисбат ба ҳамдигар мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дода, андешаҳои худро доир ба ҳалли беҳтари

масъалаҳои гуногуни ҳуқуқи оилавӣ баён намуда, хулосаҳои судманд пешниҳод намудааст;

- дар хулоса муаллиф барои рушд ва такмили қонунгузории миллии кишвар дар самти муносибатҳои оилавӣ тавсияҳои дорои хусусияти амалӣ пешниҳод намудааст, ки онҳо метавонанд дар тақвият бахшидан ба ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои тарафҳои никоҳ, ҳимояи ҳуқуқи ҳамсарон ба моликият, беҳтар ҳимоя намудани ҳуқуқи аъзои ноболиғи оила, таъмини устувории никоҳ ва солимии оила, ҳифзи арзишҳои фарҳанги оилавӣ-ҳуқуқии ниёгон нақши бориз гузоранд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он аст, ки натиҷаҳои илмии бадастомада барои шинохти фарҳанги ҳуқуқи оилавии ниёгон, ҳифзи арзишҳои миллӣ дар муносибатҳои оилавӣ, пешгирии вайроншавии оилаҳо ва таълиму тарбияи дурусти фарзандон нигаронида шудаанд. Муқаррарот, хулосаҳо ва тавсияҳои илмӣ, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ оварда шудаанд, имкон медиҳанд, ки маърифати ҳуқуқи оилавии шаҳрвандон баланд, қонунгузории оилавӣ мукаммалтар, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои аъзоёни оила беҳтар ва масъулиятшиносии онҳо бештар гардад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар раванди таҳияи тадбирҳои амалӣ оид ба баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ дар ҷомеаи муосир, пешгирии вайроншавии оилаҳо, танзими нисбатан беҳтари муносибатҳои молумулкии ҳамсарон, рушди қонунгузории оилавӣ мусоидат хоҳад намуд. Таҳлили институтҳои алоҳидаи ҳуқуқи оилавӣ имкон медиҳад, ки талаботҳои қонунгузории оилавӣ дар самти бастани никоҳ ва бекор кардани он беҳтар риоя гардад, эҳтироми ҳамсарон нисбат ба ҳамдигар ва масъулиятшиносии онҳо дар таълиму тарбияи фарзандон беҳ гардад, ҳуқуқ ва ухдадориҳои фарзандхондкунанда ва фарзандхондшуда хубтар муайян шаванд, сатҳи пардохти алимент барои кӯдакони ноболиғ беҳтар гардад, зеро ҳамаи ин аз сатҳи фаҳмиши арзишҳои миллӣ ва қонунгузории оилавӣ вобаста аст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Муаллиф қайд менамояд, ки падидаҳои никоҳ, кандашавии акди никоҳ, моликияти оила, хостгорӣ, шартномаи акди никоҳ, ҳуқуқу ухдадориҳои аъзои оила, нақши волидон дар ташкили ҳаёти оилавӣ, фарзандхондӣ аз аҳди қадим то имрӯз ҳамчун унсурҳои муҳимми муносибатҳои оилавӣ боқӣ мондаанд. (саҳ. 40). Хусусиятҳои

муносибатҳои оилавии аҳди бостонро таҳлил намуда, ҳамбастагии онро бо маданияту фарҳанг, урфу одат, расму оин ва менталитети халқу миллатҳо махсус зикр менамояд. (саҳ. 44).

Доир ба навъи никоҳи гуруҳии дар аҳди бостон арзи ҳасти намуда, ки мувофиқи маълумоти муҳаққиқон дар он гуруҳи хоҳарон дар никоҳи гуруҳи бародарон қарор доштаанд чунин ибрози назар карда мешавад, ки ба таърихи башарият нисбат додани он чандон дуруст нест, зеро агар аз як ҷониб, муайян намудани хоҳару бародар будани онҳо хеле мушкил бошад (чун никоҳ гуруҳӣ аст ва кӣ хоҳари кӣ буданашро намедонад) аз ҷониби дигар, таърихи башарият ин таърихи қабилае ё минтақаи кӯчаке нест. Чунин мавқеи муаллиф аз як ҷониб аҳамияти муҳимми илмӣ дошта, аз ҷониби дигар қобили дастгирӣ мебошад, зеро воқеан таърихи башарият ин таърихи қавме ё халқе нест. (саҳ. 47). Муҳаққиқ навъҳои алоҳидаи никоҳро дар ҳуқуқи зардуштӣ таҳлил намуда, мавҷудияти никоҳҳои подшоҳзан, чокарзан, иканзан, сатурзан, худсарзанро таъкид менамояд ва мавқеъ ва ҳуқуқи бештар доштани занони дар никоҳи подшоҳзан қарордоштаро зикр менамояд. Ҳамчунин, оиди мавҷуд будан ё набудани никоҳи муваққатӣ дар замони зардуштия ибрози назар намуда, қайд менамояд, ки дини зардуштӣ бастани никоҳҳои муваққатиро манъ накардааст, вале мардҳои табақаи болоӣ, ки занҳои сершумор доштанд, аз ин ҳуқуқ бархӯрдор набуданд. Ин ҳуқукро касе доро буд, ки як зан дошт. (сах 64).

Доир ба тарафҳои никоҳ, мақсад, тартиби бастан ва шартҳои никоҳ дар Тоҷикистони шуравӣ муаллиф дуруст қайд менамояд, ки ба сифати тарафҳои никоҳ зан ва мард баромад мекарданд ва мақсади никоҳ бунёди оила ва тарбияи фарзандон дониста мешуд. Никоҳ тартиби махсуси бастан дошт, ки он аз муроҷиат ба мақомоти САҲШ ва дар шакли хаттӣ барасмият даровардани никоҳ иборат буда, риояи шартҳои бастани никоҳ талаб карда мешуд ва шартҳои никоҳ аз розигии тарафҳо, расидан ба синну соли никоҳӣ ва ҷой надоштани монеаҳои ақди никоҳ иборат буд. (саҳ. 232-233).

Муаллиф ҳуқуқу ухдадориҳои падару модарро дар таълиму тарбияи фарзанд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода, қайд менамояд, ки дар баробари меъёрҳои ахлоқӣ имрӯз меъёрҳои зиёди ҳуқуқие вуҷуд доранд, ки ба масъалаи таълим ва тарбияи кӯдак аз ҷониби падару модар равона гардидаанд. Сабаби ба меъёрҳои ахлоқӣ табиати ҳуқуқӣ доданро дар мураккаб гардидани таълиму тарбияи фарзандон дар замони муосир дониста, мураккабгардии таълиму тарбияро ба бархӯрди

тамаддунҳо ва рушди илму технология нисбат додааст, ки аз ҳар ҷиҳат қобили дастгирист. Зеро мо мушоҳида менамоем, ки гумроҳкунии наврасону ҷавонон асосан тавассути технологияҳои иттилоотӣ сурат мегирад. Ба назари муаллиф Конститутсияи ҶТ, Кодекси оилаи ҶТ, Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ, Кодекси ҷиноятии ҶТ, Қонуни ҶТ «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» дар масъул гардонидани падару модар дар таълиму тарбияи дурусти фарзанд нақши калидӣ доранд.

Дар маҷмуъ метавон чунин хулоса намуд, ки муҳаққиқ, мақсад ва вазифаҳои гузошташударо оид ба масъалаи рушди ҳуқуқи оилавӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик аз нуқтаи таърихӣ-ҳуқуқӣ ва назариявӣ-ҳуқуқӣ дуруст таҳлил намуда, андешаҳо ва хулосабарориҳои муҳимми илмиеро пешниҳод намудааст, ки онҳо барои рушди илми ҳуқуқшиносӣ аҳамияти калони назариявию амалӣ доранд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба яке аз масъалаҳои муҳимми илми ҳуқуқшиносӣ, яъне ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик бахшида шудааст.

Дар шароити муосир танзими муносибатҳои оилавӣ то рафт мураккаб гашта истода, ба он рушди иқтисодиёт, техникаву технология, бархӯрди тамаддунҳо таъсири худро расонида истодаанд, бинобар он, таъмини устувории оила, таълиму тарбияи дурусти фарзандон, ҳифзи арзишҳои фарҳанги миллӣ, омӯзиши тарзи ҳаёти оилавии гузаштагони миллати тоҷик мубрамияти бештарро касб менамоянд. Барои такмил додани қонунгузорӣ дар ин самт гузаронидани таҳқиқотҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ ва назариявӣ-ҳуқуқӣ доир ба муносибатҳои оилавӣ заруранд, ки барои ҳифзи арзишҳои оилавии ниёгон, милликунонии қонунгузории оилавӣ ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии оилавии шаҳрвандон мусоидат намояд. Аз ин рӯ, мавриди омӯзиш қарор додани ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик ва ошкорсозии хусусиятҳои танзими муносибатҳои оилавӣ дар асоси низоми ҳуқуқи зардуштӣ, мусулмонӣ, қонунгузории Тоҷикистони шуравӣ ва Тоҷикистони соҳибистиқлол аз ҷиҳати таърихӣ-ҳуқуқӣ, назариявӣ-ҳуқуқӣ ва амалияи илми ҳуқуқшиносӣ мубрам арзёбӣ мегардад.

Ба назари муаллиф муносибатҳои оилавӣ дар миёни тоҷикон ҳам дар замони гузашта ва ҳам имрӯза яке аз муносибатҳои бештар ҳаётӣ дониста мешавад. Ин муносибатҳо дар мукаммалгардии низоми ҳуқуқии

давлат таъсиргузор мебошанд ва чунин ҳолат дар Шарқ нисбат ба Ғарб бештар мушоҳида шуда, муносибатҳои оилавӣ на танҳо ба ҳуқуқ, балки ба ахлоқу фарҳанг низ таъсиргузор буд.

Аз ин лиҳоз, ба муаллиф муяссар гардидааст, ки дар доираи таҳқиқоти гузаронидашуда ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавиро шуруъ аз аҳди қадим то замони муосир мавриди омӯзиши илмӣ қарор дода, хусусиятҳои танзими муносибатҳои оилавӣ, махсусан, институтҳои он чун никоҳ, талоқ, ҳуқуқи моликиятии ҳамсарон, фарзандхондӣ, ухдадориҳои алиментдиҳӣ, аҳдномаи никоҳро тибқи низоми ҳуқуқи зардуштӣ, мусулмонӣ, қонунгузории Тоҷикистони шуравӣ ва Тоҷикистони соҳибистиқлол таҳлил намояд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Натиҷаҳои таҳқиқоти пешниҳодшуда дар 28 мақолаи илмӣ инъикос ёфтаанд, ки ҳамаи онҳо аз ҷониби муаллиф мустақилона таҳия шудаанд. Аз ҷумла, 19 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расида, эътимоднокии илмӣ ва аҳамияти онҳо барои ҷомеаи академӣ ва рушди соҳа мавриди таҳқиқро собит менамоянд.

Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 6 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсия аз ихтисораҳо, муқаддима, панҷ боб ва чордаҳ зербобҳои мувофиқ, хулоса, тавсияҳо ва рӯйихати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

**Боби 1-уми диссертатсия «Ташаккул ва рушди институтҳои ҳуқуқи оилавӣ дар аҳди бостон ва фарҳанги ҳуқуқии зардуштия»** ном дошта, аз се зербоб иборат мебошад ва дар он масъалаҳои муносибатҳои оилавӣ ва ҳуқуқи оилавӣ ҳамчун объекти таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ бо махсусият ва вижагиҳо, муносибатҳои оилавӣ дар низоми ҳуқуқии бостон ва меъёрҳои ҳуқуқии амалкунандаву навъҳои никоҳ дар ин давра, танзими ҳуқуқии муносибатҳо вобаста ба бастани никоҳ ва ташаккули оила дар ҳуқуқи зардуштӣ мавриди таҳлилу омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифтааст.

Муаллиф зикр намудааст, ки дар аҳди зардуштӣ ба сифати тарафҳои никоҳ мард ва зан баромад намуда метавонист ва никоҳ худ аҳамияти динӣ дошта як навъ ибодат ба ҳисоб мерафт. Никоҳ ду давраро паси сар намудааст, ки онҳо: 1) ибтидои пайдоиши ҳуқуқи зардуштӣ буда, никоҳ ҳуқуқи тарафҳо буд ва ихтиёрона баста мешуд; 2) давраҳои охири

амали ҳуқуқи зардуштӣ дар ин давра никоҳ хислати ҳатмӣ гирифт. Қонунгузории замони зардуштӣ ба масъалаи интихоби ҳамсар таваҷҷуҳ намуда, ба никоҳкунандаҳо ҳуқуқи интихоби ҳамсарро дода буд, вале он дар доираи дин, табақа маҳдуд карда шуда буд (саҳ. 76).

**Боби 2-юми диссертатсия «Намудҳои никоҳ ва талоқ дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ ва масъалаҳои танзими ҳуқуқии фарзандхондӣ»** ном дошта, ду зербобро дар бар мегирад. Дар он муносибатҳои оилавӣ вобаста ба никоҳ, талоқ ва фарзандхондӣ, мисли мафҳум, шаклҳо ва намудҳои никоҳ ва талоқ дар Тоҷикистони таърихӣ, мафҳум, мақсад ва тартиби фарзандхондӣ дар замони зардуштиён таҳти омӯзиш қарор дода шудааст.

Дар ин боб муаллиф асосан навъҳои никоҳ дар ҳуқуқи зардуштӣ (эндогамӣ, экзогамӣ, подшоҳзан, иканзан, чокарзан, сатурзан, худсарзан) ва вазъи ҳуқуқии тарафҳои никоҳро вобаста ба намуди никоҳ дар ҳуқуқи зардуштӣ таҳлил намуда, зикр кардааст, ки агар ҳуқуқи подшоҳзан ба талоқ ва вазъи ҳуқуқии ӯ дар муносибатҳои ҳуқуқии вобаста ба талоқ нисбатан васеъ муқаррар гардида бошад, ҳуқуқи занони дар навъҳои дигари никоҳ қарордошта (иканзан, чокарзан, сатурзан, худсарзан) печидаву мураккаб ва то андозае номаълум боқӣ мондаанд. Ба назари муаллиф марду зани дар никоҳи подшоҳзпан буда ҳуқуқи талоқ ва ҳуқуқ ба моликияти шахсиро доро буданд. Инчунин институти фарзандхондиро дар ҳуқуқи зардуштӣ баррасӣ намуда, субъектҳо ва ҳуқуқу уҳдадориҳои онҳо, мақсад ва тартиби фарзандхондиро муайян намудааст (саҳ. 100-112).

**Боби 3-юми диссертатсия «Хусусиятҳои ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавӣ дар давраи амали ҳуқуқи мусулмонӣ»** номгузорӣ шуда, аз се зербоб иборат аст ва фарогири масъалаҳое чун мафҳум ва шакли никоҳ дар ҳуқуқи мусулмонӣ, вазъи ҳуқуқии маҳрамҳо дар бастани никоҳ ва оқибати ҳуқуқии талоқ вобаста ба шароити талоқдиҳанда, ҳуқуқу уҳдадориҳои ҳамсарон нисбат ба ҳамдигар дар низоми ҳуқуқи исломӣ мебошад.

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки институти никоҳ дар ҳуқуқи исломӣ нақши муҳимеро мебозад ва воситаи ягонаву шакли беҳтарини ҳамзистӣ ҳисоб меёбад. Басташавии ақди никоҳ дар ислом шаклу тартиби махсус ва намудҳои гуногун дорад, дар ҳар яке аз онҳо талаботи муайянеро барои бунёди оила риоя намудан зарур аст. Чунин муносибат ба никоҳ ба ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои занон, мустаҳкамкунии оила мусоидат намуд (саҳ. 125). Ҳамчунин муаллиф ба ҷанбаҳои ҳуқуқии

ҷараёни бастани ақди никоҳ дар ҳуқуқи мусулмонӣ диққат дода, як қатор талаботи ҳуқуқиро, ки аҳамияти муҳим дар вақти бастани ақди никоҳ доштанд ва оқибатҳои ҳуқуқии муайянро бавуҷуд меоварданд пешбинӣ менамояд. Аз ҷумла, шифоҳӣ сурат гирифтани никоҳ ва зикри калимаҳои махсус дар он, ҳуқуқ ва ваколатҳои васӣ, розигии домоду арӯс, маҳр ва андозаи он, шоҳидон ва талабот нисбат ба онҳо, синну соли никоҳӣ ба оқибати ҳуқуқии никоҳ таъсиргузор буданд (саҳ. 128-151).

**Боби 4-уми диссертатсия «Рушди ҳуқуқи оилавӣ дар Тоҷикистони шуравӣ»** ном дошта, се зербобро дар бар мегирад, ки онҳо ба таҳлили масъалаҳои сарчашмаҳои ҳуқуқи оилавӣ дар Тоҷикистони шуравӣ ва хусусиятҳои он, никоҳ, шартҳои бастан ва асосҳои қатъ гардидани он дар Тоҷикистони шуравӣ, асосҳои танзими ҳуқуқии фарзандхондӣ ва уҳдадориҳои алиментдиҳӣ дар замони шуравӣ бахшида шудаанд.

Муаллиф тарафҳои никоҳ, мақсад, тартиби бастан, шартҳои никоҳро дар Тоҷикистони шуравӣ таҳлил намуда, қайд менамояд, ки шартҳои никоҳ аз розигии никоҳшавандагон, расидан ба синну соли никоҳӣ (18 солагӣ), ҷой надоштани монеаҳои ақди никоҳ, ки иборат буд ва ба сифати монеаҳои ақди никоҳ хешу табори наздик будани никоҳшавандагон, дар никоҳи дигар қарор доштани яке аз тарафҳои никоҳ, дорои бемориҳои руҳӣ ё сустақл будани яке аз тарафҳои никоҳ, фарзандхондкарда ва фарзандхондшуда будани никоҳшавандагон баромад менамуд. Ҳамчунин ӯ зикр менамояд, ки салоҳияти бекор кардани никоҳ ба мақомоти суд ва САҲШ дода шуда буд ва зану шавҳар барои бекор кардани он бояд ба яке аз ин мақомотҳо муроҷиат менамуданд (саҳ. 232-233).

**Боби 5-уми диссертатсия «Ҳуқуқи оилавӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол: хусусиятҳои рушд ва аломатҳои нави танзими ҳуқуқӣ»** номгузорӣ шуда, аз се зербоб иборат мебошад ва зербобҳои он масъалаҳои ҳуқуқу уҳдадориҳои амволии ҳамсарон мувофиқи қонунгузории оилавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аҳдномаи никоҳ ва танзими ҳуқуқии он дар Тоҷикистони соҳибистиқлол, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои падару модарро фаро мегиранд.

Муаллиф доир ба кам баста шудани аҳдномаи никоҳ ва сабабҳои он андешаи ҷолиби диққатро баён намудааст. Ба назари ӯ ниҳоят кам баста шудани аҳдномаи никоҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд сабабҳои худро дорад: а) ба фарҳанги оиладории мо тоҷикон мувофиқат накардани мазмуни аҳдномаи никоҳ – оила чизи муқаддас ҳисоб шуда ба он бештар

аз назари ахлоқиву маънавӣ менигаранд ва муносибатҳои молумулкиро дар мадди аввал намегузоранд; б) маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон чандон баланд нест, бинобар ин, ба аҳдномаи никоҳ баҳои дурусти ҳуқуқӣ дода наметавонанд ва онро воситаи фиреб ва ё дурӣ ҷустани ҳамсар аз «уҳдадориҳои оилави»-и худ медонанд; в) аксарияти оилаҳо дар шароити миёнаи иқтисодӣ қарор дошта, оилаҳои сарватманд нисбатан кам мебошанд, аз ин рӯ, зарурати бастани аҳдномаи никоҳ хеле кам мешавад.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.** Таҳқиқоти ба ҳимоя пешниҳодшуда нахустин таҳқиқоти маҷмуӣ оид ба масъалаи ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик ба ҳисоб меравад. Нуктаҳо, андешаҳо, ақидаҳои илмии диссертатсия, ки ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд, навгонии таҳқиқот ва натиҷаҳои ҳалли вазифаҳои гузошташударо нишон медиҳанд. Навоварии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки он аввалин таҳқиқоти маҷмуӣ мебошад, ки дар он ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавии тоҷикон аз аҳди қадим то имрӯз таҳқиқ карда шудааст. Дар таҳқиқот муаллиф нуктаҳои назари олимон, нахустсарчашмаҳои ҳуқуқи оилавӣ, қонунгузории оилавии Тоҷикистони шуравӣ ва соҳибистиқлолро баррасӣ намуда, масоили муҳимми таърихӣ-ҳуқуқӣ, назариявӣ ва методологии хусусиятҳои рушд ва танзими ҳуқуқии муносибатҳои оилавӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик, махсусан, институтҳои никоҳ, талоқ, фарзандхондӣ, уҳдадориҳои алиментдиҳӣ, моликияти ҳамсарон, маҳрамҳо ва вазъи ҳуқуқии онҳоро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Навоварии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, инчунин дар он ифода меёбад, ки навъҳои никоҳ, синну соли никоҳӣ, шартҳои никоҳ дар ҳуқуқи зардуштӣ, маҳрамҳои насабӣ, сабабӣ ва разоъӣ ва оқибатҳои ҳуқуқии никоҳ бо онҳо, оқибатҳои ҳуқуқии талоқи маст, бемор, шахси маҷбуршуда ва гунг, ҳуқуқу уҳдадориҳои ҳамсарон нисбат ба ҳамдигар дар низоми ҳуқуқи мусулмонӣ, хусусиятҳои сарчашмаҳои ҳуқуқи оилавӣ, мафҳум, тартиби бастани никоҳ, фарзандхондӣ ва уҳдадориҳои алиментдиҳӣ дар Тоҷикистони шуравӣ, ҳуқуқу уҳдадориҳои амволии ҳамсарон, тарафҳо, тартиби бастан ва бекор кардани аҳдномаи никоҳ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол муайян карда шудааст.

Зимни анҷом додани таҳқиқоти илмӣ аз ҷониби муаллиф як қатор тавсияҳои дорои хусусияти амалӣ пешниҳод шудаанд.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Бояд қайд намуд, ки дар баробари муваффақиятҳои зикргардида, инчунин дар рисолаи илмӣ баъзе масъалаҳои баҳсноку норавшан ҷой доранд, чунинчӣ:

1. Муаллиф дар диссертатсия оиди номи никоҳи «подшоҳзан» назари худро баён намуда, қайд менамояд, ки «Ба ақидаи мо, ин навъи никоҳро никоҳи «подшоҳзан» номидан мумкин аст, вале на ба сабаби он ки ҳуқуқҳои зан ҷавобгӯи номи ин навъи никоҳ буданд, балки барои он ки занони дар навъҳои дигари никоҳ қарордошта ҳуқуқҳоеро, ки зан дар никоҳи «подшоҳзан» дошт, доро набуданд. Дар қиёс бо занони дигар зан дар никоҳи подшоҳзан шоҳона зиндагӣ мекард» (саҳ. 82). Вале мушаххас нагуфтааст, ки кадом ҳуқуқҳоро подшоҳзан дошт, ки онро занони дар навъҳои дигари никоҳ қарордошта надоштанд. Ба назари мо барои муайян кардани вазъи ҳуқуқии подшоҳзан дар фарқият аз занони дигар ва мувофиқат намудани номи никоҳ (подшоҳзан) ба вазъи ҳуқуқии зани дар он навъи никоҳ қарордошта, хуб мешуд он ҳуқуқҳое, ки подшоҳзан дошт ва занони дигар надоштанд дар алоҳидагӣ зикр карда шавад.

2. Муаллиф масъалаи синну соли никоҳиро дар низоми ҳуқуқи мусулмонӣ баррасӣ намуда, зикр намудааст, ки «дар Қуръон ва ҳадисҳо синни аниқи никоҳ нишон дода нашудааст. Баъзе олимон синни никоҳро барои духтарон дар 9-солагӣ ва барои писарон дар 12-солагӣ, дигарон барои духтарон дар 7-солагӣ ва барои писарон дар 10-солагӣ муайян кардаанд. Гурӯҳи сеюм бар он назаранд, ки духтарон метавонанд дар синни 17-солагӣ ва писарон дар синни 18-солагӣ ба никоҳ дароянд» (саҳ. 136-137). Аммо муаллиф оиди ҷонибдорӣ ва ё рад намудани андешаҳои ин ё он гуруҳи олимон мавқеи худро муайян накардааст. Бо назардошти масъалаи хеле муҳим будани синну соли никоҳӣ ҳам дар низоми ҳуқуқи мусулмонӣ ва ҳам дар қонунгузории оилавии имрӯза ва бештар аҳамияти амалӣ доштани он, ба назари мо хуб мешуд муаллиф бо овардани асосу далелҳо мавқеи худро муайян мекард.

3. Муаллиф дар боби 4 зербоби 3-юм ухдадориҳои алиментдиҳиро мувофиқи қонунгузории оилавии Тоҷикистони шуравӣ баррасӣ намудааст. Ҳангоми таҳлили масъала асосан ба ухдадориҳои алиментдиҳии падару модар нисбати фарзандони ноболиғ таваҷҷуҳ намуда, шахсони дигареро, ки метавонистанд аз якдигар алимент рӯёнанд аз ҷумла, падару модар аз фарзандони болиғи қобили меҳнат, фарзандони угай аз падару модари угайи худ, падару модари угай аз фарзандони угайи худ, бародарону хоҳарони ноболиғ ё болиғи қобилияти

меҳнатнадошта аз бародарону хоҳарони худ, бобо ва модаркалон аз набераҳои худ, набераҳо аз бобо ва модаркалони худ, тарбиятгирандагон аз тарбиятгарони воқеии худ, тарбиятгарон аз тарбиятгирандагони воқеии худ, нисбатан кам таҳлилу баррасӣ намудааст (с. 238-245). Ба назари мо хуб мешуд агар ҳар як ҷузъиёти рӯёнидани алимент аз субъектҳои дар боло зикргардида дар алоҳидагӣ таҳлил мегардид.

Аммо, эрод ва норасоиҳои ишорашуда ба мазмуну мундариҷаи диссертатсия таъсир намерасонанд ва арзиши илмии онро коста намегардонанд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия**

**Автореферат ба муҳтавои диссертатсия мувофиқат дорад.** Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқот, махсусан, мазмуни мухтасари таҳлили кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дарҷ ёфтаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсияи Аминзода Абдурраззоқ Худойшукур ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

**Мутобиқати тахассусии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Хулоса, рисолаи диссертатсионии Аминзода Абдурраззоқ Худойшукур ба талаботҳо оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии доктори илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби Назарзода Носир Ҷобир – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ташкили идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи факултети № 1 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, омода карда шуда, он дар ҷаласаи кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии

Тоҷикистон муҳокима ва ҷонибдорӣ карда шудааст. Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 12 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 12 нафар, «зид» - 0 нафар, «бетараф» - 0 нафар. Протоколи № 7 аз 17 феврали соли 2026.

Раискунандаи ҷаласа,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
сардори кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии
факултети № 2 Академияи ВКД
Ҷумҳурии Тоҷикистон — Каримзода У.К.

Ташхисгар,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессори кафедраи ташкили
идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи
факултети № 1 Академияи ВКД
Ҷумҳурии Тоҷикистон — Назарзода Н.Ҷ.

Котиби ҷаласа,
сардори кабинети кафедраи фанҳои
давлатӣ-ҳуқуқии факултети № 2
Академияи ВКД Ҷумхурии Тоҷикистон,
майори милитсия — Қурбонзода Ҷ.Ғ.

Имзоҳои «Каримзода У.К., Назарзода Н.Ҷ. ва Қурбонзода Ҷ.Ғ.»-ро тасдиқ менамоям:
сардори шуъбаи кадрҳои
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
подполковники милитсия — Саидзода А.Р.
«20» ___02___ соли 2026

Суроға: 734024, ш. Душанбе, кӯчаи Мастонгулов 3; тел.: (+992 37) 226-60-42; Факс: (+992 37) 226-60-43; сомона: www.avkd.tj; E-mail: avkdtj@mail.ru.